**Абдуллозода А.Н.**
**Прокурори калони Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Терроризм ва экстремизм - сарчашмаи асосии бадбахтиҳо!

Терроризм ва экстремизм, мафҳуми ин ду вожа аллакай дар саросари олам ва дар ақлу заковати ҳар як инсони солимфикр бо даҳшат, ваҳшоният ва харобкориҳо ҷойгузин гардидааст. Дар охири қарни XX ва ибтидои садаи XXI инсоният ба хатари ҷиддие, мисли терроризм ва экстремизм рӯ ба рӯ шуд, ки ба бақои одаму олам таҳдид мекунад. Ин ду падидаи номатлуб аллакай ба инсонияти рӯи замин даҳшатҳои зиёдеро дучор намудаанд. Албатта, ақмдаи онҳое, ки мегӯянд экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм (даҳшатафканӣ) падидаҳое мебошанд, ки инсониятро дар тамоми тӯли таърих ҳамроҳӣ намудаанд, беасос нест. Решаҳои онҳо хеле амиқанд. Дар аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи нав одамони алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои муташаккили сиёсию мазҳабие буданд, ки ба воситаи тарсонидану даҳшатофаринӣ мехостанд мақсадҳои худро ба дигарон бор кунанд ва зимни ин одамони бегуноҳ қурбон мешуданд. Махсусан, ибтидои ҳазораи нав амалҳои ифротгароӣ ва даҳшатафканӣ бештар характери сиёсӣ гирифтанд ва доираи фаъолияти террористон васеъ гардид. Бо инкишофи техникаву технологияи муосир шаклу намудҳои нави террористӣ ба вуҷуд омаданд, ки аз рӯи иқтидори харобиовариашон ба амалиёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд.

Дар солҳои баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, ибтидои солҳои ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон ҳам бар асари таъсири омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ мухолифатҳо ва амалҳои ифротӣ зиёд шуда, гурӯҳу созмонҳое ташкил шуданд, ки дар фаъолияти худ аз шеваҳои ифротии мубориза истифода мекарданд ва ниҳоят ба афзоиши амалҳои террористӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд. Фақат хиради азалии мардум, сиёсати сулҳҷӯёна ва инсонпарваронаи Сарвари муаззами мардуми тоҷик, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки манфиати миллат ва ватанро аз ҳама боло дониста, хатари заволи давлатдории тоҷиконро эҳсос намуданд, имкон дод, то дар муддати нисбатан кӯтоҳ дар кишвари мо сулҳу оромӣ аз нав пойдор ва

Истиқлолияти давлатӣ боз ҳам комил гардад. Аммо, ин падидаҳои номатлуб дар як қатор кишварҳои олам, ба монанди Ироқ, Яман, Сурия, Афғонистон ва дигар давлатҳо доман паҳн кардаву садҳо ҳазор нафар одамон куштаву даҳҳо миллион нафар бехонаву ҷой монданд. Шаҳрҳои ободу зебо зери бомбаҳо ва дигар навъи яроққои оташфишон монда, хароб гардиданд. Ва ҳоло касе ва давлате нест, ки ин хисороти харобиҳои даҳшатангезро ба ӯҳда гираду вайронаҳоро барқарор намояд.

Ҳоло хатари экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм (даҳшатафканӣ) бештар ба давлатҳои мусулмонӣ таҳдид менамояд. Саволе ба миён меояд, ки чаро чунин падидаҳо бештар дар давлатҳои мусулмонӣ ба вуҷуд омадаанд ва ё меоянд? Мо мебинем, ки дар аксар ҷомеаҳои мусулмонии қитъаи Осиё меъёрҳои содатарини давлати ҳуқуқбунёд аз истифода баромадаанд. Беқонунӣ дар бисёр мавридҳо ҳамчун қоида ва хусусияти муносибати ҷамъиятӣ ба назар мерасад. Сиёсишавии ислом ва истифодаи фаъолонаи он аз тарафи доираҳои сиёсии як зумра кишварҳо барои ба даст овардани манфиатҳои гурӯҳиашон омили муҳим гардид. Дар баъзе ҳолатҳо дини мубини исломро гурӯҳҳои ғаразхоҳ ба фаъолиятҳои сиёсӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки баъзан характери ҷиноӣ ба худ гирифта буданд, пайваст намуданд. Аз ҷониби баъзе роҳбарони кишварҳо, хусусан давлатҳои Осиё, дуруст баҳо наёфтани паҳншавии ифротгароии динӣ, сари вақт наҷустани чораҳо ба муқобили ин раванд ба пуршиддат гардидани вазъият мусоидат намуд. Дар маҷмӯъ қатъ гардидани тамоюли робитаҳои анъанавӣ дар байни давлатҳои муштаракулманофеъ ба он оварда расонд, ки дар муқобили паҳн гардидани ифротгароии исломӣ роҳбарони ин кишварҳо оҷиз монданд. Аммо риояи қатъии волоияти қонун дар Тоҷикистон ва заҳматҳои шабонарӯзӣ, сиёсати сулҳпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон доданд, ки пеши роҳи ин падидаҳои номатлуби ҷомеа гирифта шавад. Мардуми Тоҷикистон дар фазои сулҳу суботи комил, ваҳдати миллӣ, якдигарфаҳмию бародарӣ зиндагӣ кунанд.

Тавре асной таҳлили воситаҳои ахбори оммаи электронию чопии мамлакат дида мешавад, мардуми Тоҷикистон, хусусан зиёиён пайваста зидди ин зуҳуроти номатлуб экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм (даҳшатафканӣ) мубориза беамон бурда, одамонро ба дӯстдории марзу

бум, якдигарфаҳмӣ, аз даст надодани зиракии сиёсӣ ва ба қадри сулҳу суботи комил расидан даъват менамоянд. Зери унвонҳои «Назаре ба табиати терроризм ва экстремизм», «Тоҷикистон-пешоҳанги мубориза алайҳи ифротгароӣ», «Роҳҳои пешгирии ифротгароӣ», «Терроризм ва экстремизм дастгоҳи маҳвкунандаи давлатҳост!», «Зиракии сиёсиро аз даст надиҳем!», «Роҳҳои пешгирии терроризм ва экстремизм», «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ», «Аз хатари терроризми наҳзатӣ эҳтиёт бояд кард?» «Таҳаммулгароӣ – омили пешгирии ифротгароӣ» ва садҳо мақолаю хабарҳои дигар ва тавзеҳҳот оид ба терроризмва экстремизм, роҳҳои пешгирӣ ва оқибатҳои номатлуби он навиштаанд.

Аз назари геополитикӣ Тоҷикистон кишварест, ки дар қалби Осиёи Марказӣ ҷойгир шудааст ва дар марзи азимтарин тамаддунҳои дунё қарор дорад. Табиист, ки ҳар кадом аз давлатҳои абарқудрат саъӣ хоҳад кард, то манфиатҳои сиёсӣ ва арзишҳои идеологии худро дар давлати навбунёди мо пайгирӣ намояд. Ҳол он, ки аз ҷониби давлату Ҳукумати Тоҷикистон ва Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи ягонаи татбиқи идеяҳои низоми давлатдорӣ, яъне бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб гардидааст.

Барои пойдории сулҳу субот, оромиву осудагӣ дар Тоҷикистони азизамон фикр мекунам, ки яке аз роҳҳои асосии мубориза бар зидди терроризм - ин дар замири инсонҳо тарбия кардани ҳисси ватанхоҳиву меҳанпарастӣ мебошад. Инчунин, дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ кардани дарсҳои одоби ҳамида ва амсоли он сабаби кам шудани ҳодисаҳои нохуши ғайриинсонӣ мегардад. Мо – мардуми Тоҷикистон, бояд ҳамеша барои оромиву ободии кишварамон самарабахш меҳнат кунем. Ҳар як фарди ватанхоҳу меҳанпараст бояд амалҳои некро ба анҷом расонад, ба ҳамагон кумак кунад ва бар зидди амалҳои номатлуб, ба монанди терроризму экстремизм мубориза барад. Чун сиёсати созандаи Тоҷикистон ба он нигаронида шудааст, ки тамоми гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ҷамъиятҳои ғайриқонунӣ пурра несту нобуд карда шаванду халқи тоҷик дар фазои оромиву осудагӣ зиндагӣ кунад.